Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ТАҚРИЗИ**

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионнии Саъдуллозода Насрулло Саъдулло дар мавзӯи «Танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300-иқтисодиёти ҷаҳон пешниҳод карда мешавад.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ.** Афзоиши шумораи аҳолии ҷаҳон яке аз омилҳои марказии ин ҷараён мебошад. Дар ибтидои қарни бистум дар кураи замин 1,6 млрд. нафар одам зиндагӣ мекарданд.. Айни замон, ин нишондиҳанда зиёдтар аз 7,4 млрд нафарро ташкил медиҳад, аз ин шумора, мувофиқи омори расмӣ, зиёдтар аз 250 млн. нафрашонро бекорон ташкил медиҳанд. Аммо мувофиқи баҳои коршиносони ғайрирасмӣ ин нишондиҳанда ба 800 млн. мерасад. Мувофиқи баҳои коршиносон шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар миқёси ҷаҳон дар ҳудуди зиёда аз 270 млн қарор дорад. Бо ибораи дигар, масоили бо кор таъмин намудани аҳолӣ, пардохти музди меҳнате, ки ҷавобгӯи ниёзҳои аввалиндараҷаи коргари кирошуда бошад, таъмини аҳолӣ бо манзили истиқоматӣ, дастрасии кулли табақоти аҳолӣ ба хизматҳои сфераи иҷтимоӣ дар қарни навин боз ҳам мушкилтару мубрамтар гардида истодааст. Шояд бархе аз ин масоил ба назари муҳаққиқон начандон муҳим намоянд, аммо маълум аст, ки маҳз нодида гирифтани онҳо имрӯзҳо боиси афзун гардидани шумораи гирифторони касалиҳои сироятии беилоҷ ва хуруҷи ҳар гуна эпидемияҳо дар нукоти гуногуни олам, зиёдшавии ҷудоии оилаҳо ва тифлони бепарастор, вазъи зиндагии мушкили нафақахӯрон дар аксари давлатҳои ҷаҳон, бераҳмии насли наврас, авҷгирии падидаҳои террорӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидаанд. Ба фикри инҷониб, сарчашмаи пайдоиши ин мушкилот дар тадриҷан маҳдудшавии сфераи гузориши меҳнати инсон дар доираи истеҳсолоти анъанавии ҷамъиятӣ мебошад. Дар миқёси хоҷагии ҷаҳонӣ ба ин раванд омилҳои гуногун таъсир мерасонанд. Мавҷудияти ин муаммоҳо ва дигар мушкилоти дар ин самт ҷойдошта муҳиммияти мавзӯи таҳқиқотии мазкурро муайян намудаанд.

**<u>Дараҷаи асоснокӣ ва мӯътамад будани мукаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия.</u>** Аз таҳлили кори диссертатсионӣ бармеояд,ки **ҳадафи таҳқиқот** ин таҳлили назариявии муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ ва нақшу аҳамияти он дар рушд ва инкишофёбии иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои ба ҳадаф расидан, унвонҷӯ **вазифаҳои таҳқиқотро** пешниҳод намудааст, ки ҳалли онҳо ба тавлиди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намуданд. Вобаста ба муҳиммияти таҳқиқот дар диссертатсия объекти таҳқиқот мавзӯъ, масъалаҳо ва усулҳои таҳқиқот муайян карда шудаанд. **Объекти**

**таҳқиқот** раванди ҷараёни муҳоҷирати байнал-милалии қувваи корӣ дар миқёси ҷаҳон аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба иқтисодиёт ба шумор меравад. **Мавзӯи таҳқиқот** таъсири муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари равонкунандаи муҳоҷирон. **Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро** назариёти таҳиянамудаи олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқӣ, стратегияву барномаҳо ва дигар асноди меъёрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ ташкил додаанд. Ҳангоми таҳқиқот мавриди коркард ва таҳлилу хулосабарориҳо муаллиф аз **методҳои** иқтисодӣ-оморӣ, диалектикӣ, монографӣ, ҳисобӣ-конструктивӣ, моделҳои математикӣ-иқтисодӣ ва дигар усулҳо истифода шудаанд. истифода намудааст. Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини **шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА** назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D051300 - иқтисодиёти ҷаҳон иҷро гардида, бо бандҳои 7 - Баҳамвобастагии байналмилалии иқтисодӣ. Таъмини инкишофи босуботи иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ. Стратегияҳои миллии инкишофи иқтисодӣ; 8 - Таҳаввулоти механизми хоҷагии ҷаҳонӣ. Танзими равандҳои иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ. Ҳамоҳангсозии байналхалқии сиёсати иқтисодӣ. Таъмин ва тағйири истиқлолияти иқтисодӣ; 20-Мушкилоти иқтисодию иҷтимоии муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ, мутахассисон ва олимон, ки бо шиносномаи ихтисоси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

**Навгониҳо ва дастовардҳои илмии** нисбатан муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардидааст ва онҳоро баҳри ҳимояи ошкоро пешниҳод кардааст, аз нуқтаҳои зерин иборатанд:

- маълум карда шуд, ки дар байни олимон равиши ягона ба таҳлили муҳоҷирати байналмилалии меҳнат, ки тамоми ҷанбаҳои ин падидаро дар бар гирифта бошад, вуҷуд надорад, аммо таҳлили тадқиқотҳои гузаронида дар соҳаи омӯзиши муҳоҷирати байналмилалӣ нокифоя ва мураккаб будани консепсияи ягонаро нишон дода, усулҳои тадқиқоти омилҳо ва оқибатҳои муҳоҷират ошкор карда шуданд;
- нақш ва аҳамиятнокии сабабҳои танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ муайян карда шуда, саҳми он дар болоравии нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии давлатҳои қабулкунанда ва равонкунанда бо пуррагӣ нишон дода шудааст;
- ҳолати муосири раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар миқёси ҷумҳурӣ ва берун аз он муайян карда шуда, маълум карда шуд, ки муҳоҷирони меҳнатии кишварҳо дар рушд ва инкишофдиҳии иқтисодиёти дилхоҳ мамлакат, аз давлатҳои рушдёбанда то давлатҳои абарқудрат нақши асосӣ бозидаанд ва таъминкунандаи зиндагии хубу осоишта, дарку эҳсоси ҳолати вуҷудошта ва аз ҳама хуб ҷамъиятро солим нигоҳ медорад;
- муқаррар карда шуд, ки таҳқиқи механизми муҳоҷират дар иқтисодиёти муосир бояд ба муқарраroти методологӣ оид ба моҳият ва мундариҷаи механизми иқтисодӣ, механизми хоҷагидорӣ ва ташаккули шуғл асос ёбанд. Чунин муносибати методологӣ ба мо имкон медиҳад, ки

механизми муҳоҷирати қувваи кориро қисми ҷудонопазири механизми иқтисодӣ ҳисоб намоем;
- роҳу усулҳои навини имконпазир доир ба масъалаҳои танзими муҳоҷирати қувваи корӣ дар шароити рушёбандагии иқтисоди муосир пешниҳод карда, муайян карда шуд, ки манфиатҳои иқтисодии муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ мусбӣ ба чашм мерасад ва ин то дараҷае хуб танзим карда шавад.

**<u>Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия</u>** аз тадқиқоти назариявӣ ва амалии танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ иборат мебошад, ки дар он ақидаҳои мактабҳои иқтисодӣ ва олимони ватанию хориҷӣ дар амал асоснок карда шудаанд. Натиҷаҳои тадқиқотҳои методологию назариявии гузаронидашуда, метавонад дар оянда дар чунин самтҳо самаранок истифода гарданд:
- ҳамчун манбаи маълумотҳо барои гузаронидани тадқиқоти амалию назариявии нақш ва аҳамияти танзими муҳоҷирати меҳнатӣ дар рушд ва инкишофи иқтисодиёт;
-дар дарсҳо ва курсҳои махсуси амалию назариявӣ ба монанди: «Иқтисодиёти ҷаҳон», «Инвеститсияи хориҷӣ», «Идоракунии захираҳои инсонӣ», «Асосҳои иҷтимоӣ-иқтисодии танзими муҳоҷирати меҳнатӣ», «Рушди нерӯи инсонӣ» ва ғайра;
-дар раванди таҳия ва амалисозии барномаҳои ҳукуматӣ ва давлатии стратегии рушди иқтисодии Тоҷикистон, хусусан дар равишҳои муайянкунандаи рушд ва инкишофдиҳии захираҳои меҳнатӣ мусоидаткунанда;
-тавсияҳои амалию назариявӣ баҳри омоданамоии мутахассисон мутобиқ ба талаботи асосии бозори меҳнат дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт пешниҳод карда шудааст;
-истифодаи натиҷаи тадқиқоти илмӣ барои ташаккул ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ баҳри хушбахтии одамон мақоми хосса дорад.

**<u>Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.</u>** Мӯҳтавои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ ва илмию амалии аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта, дар шаҳри Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб, Бохтар ва берун аз кишвар дар шаҳри Симферопол ва Пенза (Федератсияи Россия) дар давраҳои солҳои 2015-2020 пешниҳод ва баррасӣ карда шудаанд. Доир ба мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ 14 мақола дар ҳаҷми 5,1 ҷ.ч. (3,5 ҷ.ч. аз муаллиф) чоп гардида, аз инҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт, ки аз 147 номгӯй иборат мебошад, дар ҳаҷми 195 саҳифа навишта шудааст. Дар рисолаи диссертатсионии мазкур 4-то расм, 3-то диаграмма ва 14-то ҷадвал ҷой дода шудааст.

**<u>Мазмуни кори дисертатсионӣ.</u>**

**Дар** муқаддима муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот, сатҳи омӯзиши баҳогузории масъалаҳо, муайянкунии мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот

навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои амалии бадасовардашуда мухтасар инъикос ёфтаанд.

Дар боби якум «**Асосҳои назариявии муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар ҷаҳон**» моҳият ва хусусиятҳои муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ (С.12-39), равишҳои иҷтимоию иқтисодии муҳоҷирати байналмилалӣ ва оқибатҳои он(С.39-59), сиёсати муҳоҷирати кишварҳои содиркунанда ва воридкунандаи қувваи корӣ (С.60-74)мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Нуктаҳои ҷолибтарин ин боб назари олимони хориҷию ватанӣ оид ба муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ ва гурӯҳбандии назарияҳову натиҷагириҳо аз онҳо (С.14-40), равишҳои асосии омӯзиш, намудҳо, шаклҳо ва функсияҳои муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ (Расми 1), оқибатҳои иқтисодӣ ва ғайрииқтисодии муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ (Ҷадвали 1.1.), омилҳо, сабабҳо ва оқибатҳои муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ (Расми 2.), таҳлил намудани марҳилаҳои оммавии муҳоҷират, марҳилаҳо муҳоҷират дар қитъаҳои Аврупо ва Амрико(С.41-50), бурду бохти муҳоҷирон ва мамолики қабулкунандаи онҳо(С.51-59), Моделҳои (консепсияҳои) асосии консептуалии сиёсати муҳоҷиратӣ(С.66-67), Конвенсияи ТБМ оид ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва роҳҳои муҳофизати ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ(С.72) ва натиҷагириҳо аз таҳқиқи зербобҳои боби якум диссертатсия(С.73) мебошанд.

**Боби дуюм «Арзёбии ҳолат, тамоюлҳо ва таҳлили мавқеи Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонии меҳнат»** номгузорӣ шудааст. Дар он арзёбии ҳолати кунунии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир (С.75-101)ва таҳлили вазъи бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ(С.101-126) анҷом дода шудааст. Муаллиф дар ин бобу зербобҳои он шумораи муҳоҷирони меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои фаъолият намудан ба дигар мамлакатҳо сафар намудаанд (Ҷадвали 2.1.), Сабабҳои муҳоҷират, омилҳои монеаэҷодкунанда ва ҷалбкунанда(Ҷадвали 2.2.), ҳаҷми маблағҳои воридномудаи муҳоҷирон нисбат ба ММД кишварҳояшон дар соли 2017 (Диаграммаи 2.1.), Таҳлили коррелятсиони-регрессионӣ(Ҷадвали 2.3.), Санҷиши қаторҳо оид ба мавҷудияти решаи ягона барои кейси Тоҷикистон аз рӯи усули Филипс-Перрон(Ҷадвали 2.4.), арзёбии омории таъсири даромадҳо аз муҳоҷирон ба суратҳисоби ҷории тавозуни пардохт ва дигар омилҳои макроиқтисодӣ(Ҷадвали 2.5.), Ҷараёни инкишофёбиҳои нишондиҳандаҳои бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2018(Ҷадвали 2.6.), Нишондиҳандаҳои динамикии тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар солҳои 2013-2018, (Ҷадвали 2.7.), Тақсимоти аҳолии шуғлманд вобаста ба бахшҳо дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2018 (Диаграммаи 2.2.), Талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар солҳои 2013-2018 (Ҷадвали 2.8.), Ҳисоби миёнаи музди меҳнати ҳармоҳаи як корманд, андозаи нафақа ва андозаи ҳадди ақали музди меҳнат, ба ҳисоби миёна дар як моҳ дар солҳои 2013-2018 (

Ҷадвали 2.9.), Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи як корманди баъзе давлатҳо, дар соли 2018 (Диагараммаи 2.3.) ва шуғл аз рӯи шаклҳои моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2018 (Ҷадвали 2.10.) мавриди таҳлилу баррасӣ ва хулосабарорӣ қарор гирифтаанд.

Дар боби сеюм «**Самтҳои асосии танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ**» муаллифи диссертатсия ба ҳайси самтҳои номбурда такмилдиҳии механизми танзими муҳоҷирати қувваи корӣ дар шароити муосир(С.127-142), самаранокии иқтисодии интиқоли воситаҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ(С.142-159), нишондиҳандаҳои самаранокии статегии муҳоҷирати қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиётро(С.159-177) мавриди баррасӣ қарор додааст. Нуктаҳои муҳимтарини ин бахши диссертатсия танзими давлатии содироти байналмилалии муҳоҷирати қувваи корӣ, мақсадҳо, давраҳо ва принсипҳои он дар шароити ҷаҳонишавӣ (Расми 3.), чораҳои ҳавасмандкунии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ(С.139-143), оқибатҳои манфӣ ва мусбии муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар кишвари равонкунанда ва қабулкунанда (Расми 4.), интиқоли маблағҳои муҳоҷирон (воридшавӣ)барои солҳои 2000-2017 ба кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (Ҷадвали 3.1.), интиқоли маблағҳои муҳоҷирон (хуруҷ) барои солҳои 2000-2017 аз кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (Ҷадвали 3.2.), тавозуни интиқоли маблағҳои муҳоҷирон барои соли 2017(Ҷадвали 3.3.),категориябандии муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон, ки дар Федератсияи Россия ба фаъолияти меҳнатӣ машғуланд(С.175-176) ва натиҷагириҳо аз таҳқиқи зербобҳои боби дуввуми диссертатсия (С.1761-177) мебошанд.

Дар **хулоса** натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ ҷамбаст ва тавсияву пешниҳодҳои асосӣ таҳия гардидаанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Саъдуллозода Насрулло Саъдулло бо забони давлатӣ навишта шуда, натиҷаҳои таҳқиқот ҷавобгӯи талабот ва мавқеи намоёни назариявию амалиро соҳиб мебошанд. Диссертант ва рисолаи илмӣ зинаҳои гуногуни санҷишҳоро муваффақона паси сар намудаанд.

Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд,ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Диссертант аз олимони ватанӣ камтар маълумот истифода намудааст, ба таҳқиқоти олимони хориҷӣ такя намуда, бештар аз фикру ақидаҳои онҳо истифода намудааст.
2. Раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ба рушд ва инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ хоҳад дошт, дар диссертатсия камтар таҳлил карда шудааст.
3. Роҳҳои навини бо кор таъминамоии муҳоҷирони меҳнатӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ба таври дақиқ оварда нашудааст.

4. Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ истифода шудааст вале барои Ҷумҳурии мо кадом таҷрибааш манфиатовар нишон дода нашудааст.

Камбудиҳои ҷойдошта ҷузъӣ буда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии таҳқиқоти гузаронидашударо кам намекунанд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили диссертатсияи Саъдуллозода Насрулло Саъдулло дар мавзӯи «Танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» бармеояд, ки диссертатсияи унвонҷӯ дар сатҳи зарурии илмӣ-методӣ анҷом пазируфта, дорои арзишҳои методологию амалӣ ҷиҳати ҳаллу фасли мавзӯи пешниҳодшуда мебошад ва ба талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муллифи он сазовари дарҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300-иқтисодиёти ҷаҳон мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — Усмонова Т.Ҷ.

Имзои Усмонова Т.Ҷ.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳо — Бухориев Н.А.

Суроға:ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Донишгоҳи Технологии Тоҷикистон

к . Н.Карабаев 63/3 Веб-сайт: http:// tut.tj,

*E-mail: info@tut.tj;*

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Имзо тасдиқ карда шуд
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва коргузорӣ